**Дастурамал**
**оиди пур намудани ҳисоботи шакли № 4-кишоварзӣ**
**«Ҳисоботи ҷамъбастӣ дар бораи ҷамъи кишти ҳосили соли 202__»**

Ҳисоботи мазкурро ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти омори маҳаллии ноҳия (шаҳр) якуми июни ҳар сол пешниҳод менамоянд.

Шакли ҳисобот бо фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №30 аз 10 апрели соли 2018 тасдиқ карда шудааст.

Ҳисоботи мазкур бояд бо масоҳати замини дар баланс буда ва замини кишти тирамоҳӣ бо нишондиҳандаҳои охирини ҳисоботи шакли 7-кишоварзӣ ва 3 - кишоварзӣ муқоиса карда шавад. Дар сурати ошкор шудани тағйирот нисбат ба балbackanси замин, кишт аз ҳисоби кадом намуди заминҳо иловагӣ кишт гузаронида шудааст, ё кам шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар қисми «Зироатҳои тирамоҳӣ барои ғалла ва хӯроки сабзи чорво барои ҳосили соли ҷорӣ» замини кишти тирамоҳии ғалладонагиҳо (гандум, ҷавдор ҷавсар, ҷав), аз он ҷумла дар заминҳои обӣ нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 05, 06, 07, 08 майдони ҳосилаш нобудшудаи кишт то тамом шудани кишти баҳорӣ нишон дода мешавад. Дар сатри 09 бошад масоҳати замине, ки тирамоҳ барои хӯроки сабз, силос ва чаронидани чорво истифодашудае, ки дар он зироатҳои баҳорӣ кошта шудааст нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 10, 11, 12, 13 кишти тирамоҳии то охири кишти баҳорӣ беофат монда барои дон нишон дода мешавад, ки бо роҳи тарҳ кардани сатрҳои (02-06), (03-07), (04-08) ва ҷамъи сатрҳои 11, 12, 13 ёфта мешавад.

Дар сатрҳои 14, 15 заминҳое, ки барои хӯроки сабз ва силос бо мақсади гирифтани ғелак, брикет ва чаронидани чорво кошта шудааст нишон дода мешавад.

Майдони аз офат эминмондаи масъари (рапс) тирамоҳӣ, ки дар тирамоҳ кишт карда шудааст, дар гурӯҳи растаниҳои техникӣ нишон дода мешавад.

Оиди майдони заминҳои ҳосилаш аз офатҳои табии зарардидаи тирамоҳӣ, ҳамон заминҳое ҳисобида мешаванд, ки дар ҷои онҳо зироатҳои баҳорӣ кишт гузаронида шудааст ё умуман замин холӣ мондааст.

Дар қисми «Кишти зироатҳои баҳорӣ барои ҳосили соли ҷорӣ» ҳамаи заминҳои кишти зироатҳои баҳории соли ҷорӣ, нишон дода мешавад.

Кишти зироатҳои баҳорие, ки дар замини зироатҳои нобудшудаи тирамоҳӣ гузаронида шудааст, ба замини он зироатҳое дохил карда мешаванд, ки аз нав кишт карда шудааст ва боз алоҳида дар сатри махсус нишондода мешавад «аз он ҷумла; ба ҷои кишти тирамоҳии нобудшуда, кишти баҳорӣ гузаронида шудааст».

Агар замини кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ нобуд шуда бошад ва ба ҷои он аз нав кишти баҳорӣ гузаронида шуда бошад, пас замини кишт аз ҳисоб бароварда шуда, кишти аз нав коридаи зироати баҳорӣ дохил карда мешавад. Замини талафёфтаи зироатҳои баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар давраи баҳор, ки аз нав кишт шудааст, аз ҳисобот бароварда намешавад.

Кишти картошка, сабзавот ва дигар зироатҳо, ки пеш аз зимистон (барвақтӣ) кишт шуда бошанд якҷоя бо кишти баҳории зироатҳои асосӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Замини умумии ҳамаи кишти баҳорӣ (бе алафҳои бисёрсолаи солҳои гузашта) ҷамъ карда мешавад: зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёи баҳорӣ, ҷуворимакка барои дон, зироатҳои техникӣ, картошка, сабзавот, полизӣ ва зироатҳои хӯроки чорво.

<u>**1. Зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёӣ**</u>

Дар қисми «Зироатҳои ғалладонагиҳо ва лӯбиёи баҳорӣ» гандуми баҳорӣ, ҷавдор, ҷав, ҷавсар, ҷуворимакка барои дон, арзан ва кунок, шолӣ, ҳамаи зироати лӯбиёиҳо (нахӯд, лӯбиё, наск, нут (барои дон), лӯбиёҳои хӯроки чорво барои дон, дигар зироатҳои лӯбиёӣ (мош ва ғайра), чойҷуворӣ барои дон дохил мешаванд. Кишти ҷуворимакка то давраи ширадорӣ, кишти зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо барои хӯроки сабз, беда, силос ва барои чаронидани чорво дохил намешавад.

<u>**2. Ҷуворимакка ва ҷуворӣ**</u>

Ба кишти ҷуворимакка дохил мешавад:

- ҷуворимакка барои дон дар қисми зироатҳои ғалладона ва лӯбиёи баҳорӣ ба ҳисоб гирифта мешавад;

- ҷуворимакка то давраи ширадорӣ ҳамчун ҷуворимакка барои силос ва хӯроки чорво нишон дода мешавад;

- кишти ҷуворие, ки пояаш барои ҷорӯб истифода бурда мешавад, дар гурӯҳи зироатҳои ғалладона ва лубиёи дар сатри «ҷуворӣ» нишон дода мешаванд;

- кишти ҷувории барои ҷорӯб, ки дар вақти ширадорӣ ҷамъоварӣ мешавад дар сатри «дигар зироатҳои техникӣ» нишон дода мешаванд.

<u>**3. Зироатҳои техникӣ**</u>

Дар қисми «зироатҳои техникӣ» кишти пахта, аз он ҷумла маҳиннах, офтобпараст барои дон, зағир, кунҷит, соя (навъи лубиё), тамоку, зироатҳои равғани эфирдори кишти соли ҷорӣ, якҷоя бо кишти аз тирамоҳ монда (гули қазоилиқ ва дигарҳо), маъсари (рапси) тирамоҳӣ (кишти офатназада) барои дон, маъсар (сафлор), фундуқи заминӣ (арахирс), анҷибар (геран), растаниҳои доруӣ ва дигар зироатҳои техникӣ дохил мешавад. Офтобпараст барои дон дохил карда мешавад, ба истисноӣ офтобпараст барои силос.

Кишти пахта бо якҷоягии кишти байни қаторҳои боғ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Зироатҳои равғани эфирдор, кишти анҷибар (геран) ва гули садбарг нишон дода мешавад ва боқимонда, ки номбар нашудаанд дар гурӯҳи дигар зироатҳои техникӣ нишон дода мешавад.

Ҳамаи зироатҳои доруворӣ, ки бо мақсади табобат дар тиб ва байторӣ истифода бурда мешаванд, бо як нишондиҳандаи умумӣ нишон дода мешаванд.

**4. Картошка**

Дар қисми картошка кишти барвақтӣ ва баҳорӣ дохил карда мешавад.

**5. Сабзавот.**

Дар қисми сабзавот кишти карам, бодиринг, помидор, лаблабуи ошӣ, сабзӣ, бехпиёз, сир, каду, турб, қаламфури булғорӣ, боимҷон, шалғам, шалғамча ва дигар сабзавотҳо (тезак, редиска, кабутиҳо, укроб ва ғайра) дохил карда мешавад. Пиёзи бехӣ алоҳида нишон дода мешавад. Кишти пиёз барои барг ба гурӯҳи дигар намуди сабзавотҳо дохил карда мешавад.

Кишти пиёз ва сирпиёз барои тухмӣ дар сатри «Тухмзори сабзавоти яксола, кучати сабзавоти дусола ва тухмзори сабзавоти дусола» нишон дода мешавад.

**6. Полизии озуқаворӣ.**

Дар қисми полизии озуқаворӣ кишти тарбуз ва харбуза нишон дода мешавад. Сатри «тухмии зироатҳои полизӣ» низ ба чунин тарз пур карда мешавад.

**7. Зироатҳои хӯроки чорво.**

Дар қисми зироатҳои хӯроки чорво кишти бехмеваҳои хӯроки чорво, лаблабӯи хӯроки чорво, тухмии бехмеваҳои хӯроки чорво, лаблабӯи қанд барои хӯроки чорво, полизиҳои хӯроки чорво, кишти зироати силосбоб (бе ҷуворимакка), аз он ҷумла чойҷуворӣ барои силос, ҷуворимакка барои силос ва баргу пояи сабз, ҷуворимакка бо лаблабу ва ҷуворимакка бо юнучқа, алафҳои бисёрсолаи холиси кишти соли ҷорӣ ва алафҳои бисёрсолаи кишти солҳои гузашта нишон дода мешавад.

Киштҳои байни қаторҳо (ғайр аз кишти байни қаторҳои боғҳо) дар ҳисоботи шаклӣ №4-кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Баҳисобгирии ин кишт соле як маротиба дар вақти гузаронидани баҳисобгирии ҷамъоварии ҳосили ҳақиқии зироатҳои кишоварзӣ, дар ҳисоботи шакли №29-кишоварзӣ нишон дода мешавад.

Кишти байни қаторҳои боғҳо ҳам дар замини кишти зироатҳо ҳам дар замини кишти хоҷагӣ ҷамъ карда мешавад ва ҳам дар сатри алоҳида «Аз замини умумии кишт (сатри 100) кишти байни қаторҳои боғ» дар сатри 101 ҳамагӣ кишти байни қаторҳо, ва сатри 102 аз ҷумла кишти пахта нишон дода мешавад.

**8. Кишт дар заминҳои обёришаванда.**

Кишт дар заминҳои обёришаванда дар ҳисоботи шакли №4-кишоварзӣ дар сутуни 02 «аз он ҷумла заминҳои обёришаванда» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Маълумотҳои ҳисобот оиди кишт дар заминҳои обёришаванда, дар асоси навиштаҷоти китоби кадастри замин ба ҳолати 1 январ пур карда мешавад.

Замини кишти шолӣ дар заминҳои обёришаванда, монанди ҳама заминҳо нишон дода мешавад. Ғайр аз ҳолатҳое, ки агар кишти ин зироат дар обанборҳо, (обпартовҳо заминҳои обёришавандае, ки бо санад қабул карда нашудааст) кишт шуда бошад. Дар ин ҳолат кишти шолӣ нисбати кишти ҳамагӣ камтар мешавад ва инро дар зери ҳисобот дар ҷои холигӣ эзоҳ додан лозим аст.

Ҳисобот бояд бо имзоҳои роҳбар ва сармуҳосиб тасдиқ карда шуда, дар муҳлати муайяншуда пешниҳод карда мешавад.

Шахси имзокунанда барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисобот ва дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод кардани он ҷавобгар мебошад.